# ВАЗИФАҲОИ ТЕХНИКӢ ВА ҲАҶМИ КОРҲО
# БАРОИ МУТАХАССИС-ҲАМОҲАНГСОЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

22 апрели соли 2014

## 1. АСОСНОКӢ

Вазифаҳои (фармоиши) мазкур аз ҷониби Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон (АМВТ) дар асоси Лоиҳаи «Рушди имконоти минтақавии ҳаракати волонтёрӣ», ки дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Шартномаи ҳамкорӣ №13/02/13.1.3 аз 15.04.2014 дастгирӣ ёфтааст, ба амал бароварда шудаанд.

## 2. МАҚСАД

Ташаккули заминаи амалии иттилоотӣ ва техникӣ барои ташкил, танзим, идора ва ҳамоҳангсозии фаъолияти волонтёрӣ дар Тоҷикистон.
Барои ин барои кор дар ниҳоди Раёсати АМВТ Мутахассис-ҳамоҳангсози технологияҳои иттилоотӣ (Мутахассис) ҷалб карда мешавад.

## 3. ҲАҶМИ КОРҲО

Барои расидан ба мақсади гузошташуда, Мутахассис ба амалӣ гардонидани вазифаҳои зерин ӯҳдадор мегардад:

- Танзим ва ҳамоҳангсозии масъалаҳои марбут ба фаъолияти иттилоотию техникӣ ва тарғиботии АМВТ, аз ҷумла Маҳзани иттилоотӣ оид ба фаъолияти волонтёрӣ (МИВ) ва сомонаи www.volunteer.tj;
- Таҳия ва амалӣ гардонидани Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди имконоти иттилоотию техникӣ ва тарғиботии АМВТ;
- Ороиш, ҷолиб ва дастрас сохтани ҷанбаҳои техникии МИВ ва сомонаи интернетии АМВТ;
- Таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои таълимию тарғиботии фаъолияти волонтёрӣ ва АМВТ;
- Мусоидат ба таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои таблиғотии телевизонӣ, радиоӣ ва интернетӣ оид ба рушди фаъолияти волонтёрӣ ва АМВТ;
- Мусоидат барои ташкил ва амалӣ сохтани семинарҳо ва тренингҳо ҷиҳати омӯзиши мутахассисон дар самти рушди фаъолияти волонтёрӣ тавассути барномаҳои тарғиботӣ;

- Қабул ва баррасии дархосту мурочиатҳо вобаста ба масъалаҳои волонтёрӣ ва амалӣ қонеъ гардонидани онҳо дар якҷоягӣ бо аъзоёни Раёсати АМВТ;
- Ташкили чорабиниҳои муштараки таблиғотӣ бо сохторҳои кор бо ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимии кишвар дар самти амалӣ сохтани фаъолияти волонтёрӣ;
- Таҳия ва ороиши маводҳои гуногуни иттилоотӣ оид ба тарғиби тартиби дурусти ташкил ва ё машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ.

## 4. МӮҲЛАТ ВА ВАҚТИ КОРӢ

Мутахассис хизматрасониро дар мӯҳлати 4 моҳ аз 01.05.2014 то31.08.2014 амалӣ мегардонад ё ин, ки мувофиқи розигии тарафҳо мӯҳлати он тамдид дода мешавад.
Вақти корӣ домӣ дар як рӯз 8 соат, дар як ҳафта шаш рӯз. Рӯзи истироҳат, Якшанбе.

## 5. МАКОН ВА ШАРОИТИ КОРӢ

Ҷойи кор, бинои Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонон «Ориёно».
Барои Мутахассис шароити зарурии корӣ фароҳам оварда мешавад, вале барои истифодаи компютери дастӣ маҳдудият гузошта намешавад.
Тамоми хароҷоти марбут ба ниҳоди корӣ, ба монанди пайвастшавӣ бо интернет, барқ, маводи дафтардорӣ ва ғайра таъмин карда мешавад. Хароҷоти алоқаманд ба манофеъи шахсӣ, ба монанди хӯрока, роҳкиро, манзил ва ғайра ба Мутахассис вогузор мебошад.

## 6. ТАЛАБОТ БАРОИ НОМЗАД

Барои интихоби номзад/Мутахассис нишондиҳандаҳои зерин муқаррар гардидааст:

6.1. Таҷрибаи на кам аз 2 сол дар соҳаи технологияи иттилоотӣ;
6.2. Маълумоти касбии ибтидоӣ, миён ва олии марбут ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи алоқаманд;
6.3. Дастовардҳои дар амал қарордошта дар бахши технологияи иттилоотӣ;
6.4. Донистани забонҳои тоҷикӣ ва русӣ;

6.5. Имконоти фаррохи истиқомат дар шахри Душанбе;
6.6. Кори доимӣ ва машғул набудан ба дигар фаъолият дар мӯҳлати то 4 моҳ, агар он тамдид дода нашвад;
6.7. Доштани малакаи таҳияи лоиҳа ва барномаҳо ва муошират бо аудитория.

7. ШАКЛ ВА МУНДАРИҶАИ ҲИСОБОТ

Иҷрокунанда вобаста ба амалисозии басти вазифаҳо мунтазам ҳисботҳои дахлдорро дар шакли хаттӣ бо дарназардошти воситаҳои айёнӣ ба роҳбарияти АМВТ таъмин месозад.
Ҳисоботи хаттӣ дар мӯҳлати 30-ум рӯзи ҳар моҳ пешнҳод карда мешавад.

8. МАБЛАҒГУЗОРӢ/МАОШ

Чун вазифаи мазкур ба хизматрасонии волонётрӣ рабт дорад, ҳаҷми маблағи хизматрасонии Мутахассис низ нисбат ба бозори хизматрасонӣ камтар муқаррар карда шудааст.
Барои хизматрасонии Мутахассис дар мӯҳлати муқарраргашта ҷамъ 3600 сомонӣ пешбинӣ шудааст, агар мӯҳлати татбиқи вазифа тамдид дода нашавад.
Андози иҷтимоӣ аз ҳисоби АМВТ пардохт мегардад.